**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Файзализода Бахтиёр Файзалӣ дар мавзуи Ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: пажӯҳиши таърихӣ - назариявӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 35 сах).**

Таҳсил намуда донишманд шудан, тавассути такмили маърифат дар ҷомеа ба шахсият табдил ёфтан дар марҳилаҳои мухталифи таърихи башарият аз ҷумлаи масъалаҳои умда арзёбӣ мешуд. Махсусан, дар таърихи ниёгони мо тоҷикон, ба ин гуна арзишу ченакҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардид. Воқеан, тоҷикон таърихи беш аз панҷҳазорсолаи фарҳангиро паси сар карда, садҳо бузургони оламшумули илму донишро таълиму тарбия кардааст.

Бояд тазаккур дод, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои таъмини ҳуқуқ, озодиҳо ва иҷрои уҳдадориҳои инсон ва шаҳрвандро, ки яке аз онҳо ҳуқуқ ба таҳсил мебошад, муқаррар кардааст. Моддаи 41-уми он на танҳо таълими умумии асосиро ҳатмӣ ва ройгон медонад, балки ҳуқуқи шаҳрвандонро ба таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ ба таври ройгон дар муассисаҳои таълимии давлатӣ дар доираи муқаррарнамудаи қонун таъмин менамояд. Аз ин бармеояд, ки ҳуқуқ ба таҳсил қисми таркибии ҳуқуқу озодиҳоин инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб рафта, яке аз ҳуқуқҳои муҳимтарин, омили муайянкунандаи воқеии татбиқи ҳуқуқу озодиҳои фардӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мебошад.

Таҳқиқбаранда дар таҳқиқоти диссертатсионии худ масъалаи пажӯҳиши таърихӣ-назариявии ҳуқуқ ба таҳсилро дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ,

мусулмонӣ, шуравӣ ва давраи истиқлолият мавриди баррасӣ қарор дода, таҷрибаи ҳуқуқтатбиқсозии давраи амали ин низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии миллиро бо низоми муосири ҳуқуқи Тоҷикистон муқоиса намуда, ҷиҳати такмили қонунгузории амалкунандаи кишвар тавсияҳои судмандро пешниҳод намудааст. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки «Дар натиҷаи таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар маълум гардид, ки ҳуқуқ ба таҳсил ва механизмҳои ҳимояи он дар муҳимтарин санадҳои ҳуқуқии кишвар – Конститутсия, кодексҳо ва қонунҳои дигари ҷорӣ танзим гардида, ҳамзамон механизми муайяни ҳифзи ҳуқуқии онҳо пешбинӣ гардидааст. Вале қонунгузории амалкунандаи соҳавӣ дар баробари фарогир будани масъалаи мазкур, инчунин аз нуқсонҳо ва норасогиҳои матнию техникӣ ва мазмунӣ орӣ нест. Масалан, баъзе аз ҷанбаҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар қонунгузорӣ танзими худро ёфта бошад, ҳам вале бо амалигардии меъёрҳои дигар қонун маҳдуд гардида, ба амалишавии ҳуқуқ ба таҳсил монеа мегардад» (саҳ. 25).

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Тавсияҳои назарӣ ва амалие, ки дар диссертатсия пешниҳод карда шудаанд, аҳаммияти калони назариявию амалӣ дошта, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузорӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ба таҳсил, омодасозии адабиётҳои таълимӣ дар соҳаҳои ҳуқуқи инсон ва ғайра саҳмгузор бошанд.

Доир ба мазмун ва моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маводҳои зиёдеро ба табъ расонидааст, аз ҷумла 10 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар нашрияҳои дигар.

Дар баробари паҳлӯҳои мусбии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз моҳият ва мазмуни автореферати диссертатсия бармеояд, баъзе нуктаҳои назари баҳснок ва эродҳо низ ба чашм мерасанд, ки моҳиятан чунинанд:

1. Муаллиф дар автореферати диссертатсия оид ба масъалаи инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил ва танзими меъёрӣ-ҳуқуқии он дар қонунгузории ҶШС Тоҷикистон қайд намуда, онро ҳамчун низоми ҳуқуқии алоҳидаи инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил муайян намудааст (саҳ. 18). Вале мутаасифона, муаллиф дақиқ муайян накардаанд, ки дар қонунгузории ҶШС Тоҷикистон танзими меъёрӣ-ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил дар кадом сатҳу андоза ва мушаххасан дар кадом санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд. Хуб мешуд, ки муаллиф ҳолати мазкурро ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия шарҳ медоданд.

2. Унзончӯ пешниҳод менамояд, ки дар Тоҷикистон мақоми Ваколатдор оид ба ҳуқуқ ба таҳсил таъсис дода шавад. (саҳ. 26). Аз ин рӯ, аз унвонҷӯ пурсида мешавад, ки чунин мақоми ваколатдор оё дар таҷрибаи дигар давлатҳои ҷаҳон ҷой дорад ва мавқеи он дар низоми идоракунии соҳаи таҳсилот чӣ гуна аст ва ин мақом бояд кадом вазифаҳоро иҷро кунад.

Албатта, ислоҳи эродҳои мазкур андак буда, ба сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашуда таъсири манфӣ намерасонанд, балки шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда бисёр мураккаб ва баҳсноканд.

Дар маҷмуъ, хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертатсияи омоданамудаи **Файзализода Бахтиёр Файзалӣ** дар мавзуи «Ҳуқук ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: пажӯҳиши таърихӣ - назариявӣ» кори илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Такриздиҳанда:**
**Декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Тоҷибоев Ш.А.**

**Имзои Ш.А. Тоҷибоевро тасдиқ менамоям.**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус** **Мирпочоев И.Ҳ.**

« 5 » 05 2023 с.

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1.
Телефон: +992(3422)2-38-11
Email: Info@tsulbp.tj
www: http://tsulbp.tj